МУҲАММАД СУБҲОН

# ХИРСИ МАЛЛА



МАОРИФ



**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Буд-набуд як хирси малла буд. Вай дар зери арчазори кӯҳи Сиёҳдев бо ду бачааш зиндагӣ мекард. Вай бачаҳояшро бо чормағзу асал калон мекард. Субҳ то бегоҳ аз байни алафу зери бутта чормагз мечиду аз ковокии дарахт асал меғундошт. Поёнтар аз хонаи хирс лаби ҷӯйи калон деҳаи кӯчаке буд, ки дар он ҳамагӣ даҳ оила зиндагӣ мекард. Хирс ба мардуми деҳа асал медод. Мардуми деҳа хирсро эҳтиёт карда, намемонданд, ки касе вайро озор диҳад.

Як рӯз хирси малла як сатил асал гирифта, ба деҳа омад.

Дид, ки марде гӯсолаи алоеро бо говрона калтаккорӣ мекунад. Раҳмаш омада, ба марди бадқаҳр гуфт:

– Эй мардак, гӯсоларо чаро

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР



мезанӣ? – Вайро ин қадар озор надеҳ!

Мард, ки дар сари ҷаҳл буд, дар ҷавоб гуфт:

– Ту, ҳайвон, нафаҳмида гап назан. Ин нобакор полизҳои нав кишткардаи маро зери по кард, ин гӯсолаи худам, ҳарчӣ хоҳам, ҳамон мекунам. Адаби ин бадзотро медиҳам.

Ин дам аз чашмони калон-калони гӯсола ашк мерехт ва бо имову ишора аз соҳиби худ гӯё имдод мепурсид.

Аммо мард ором нагирифта гӯсоларо боз калтаккорӣ мекард. Хирс лаҳзае хомӯш монд, гӯё аз ин мард ранҷида бошад.

– Эҳ, асал дорӣ ку, ба ман ҳам медиҳӣ? – пурсид мард.

– Не, як пиёлача ҳам намеди-



ҳам. Ба одами бераҳм асал нест, ҷавоб дод Хирс.

Мард ноумед гашт. Ва дар дил аз хирс қасос гирифтанӣ шуд. Хирс чанд муддат ба деҳа асал наовард. Саҳарие, ки хирс аз хона берун рафт, мард бо қасди қасос бо саги калтадумаш ба сари хирсбачаҳо омад. Хонаи онҳоро сангборон кард. Хирсбачаҳо аз тарс хостанд аз хона баромада гурезанд, аммо саг ба онҳо дарафтод.

Аз ин гирумонҳо ва часпу талошҳо яке аз хирсбачаҳо аз чашми бинои худ маҳрум шуд.

– Ана, акнун ба мақсади худ расидам, – гуфт мард ва дав-давон ба деҳа баргашт.

Хирс, ки аз чормағзҳои сари роҳ як сабад чида ба хона меомад, тӯдаи сангпора ва қатраҳои чакидаи



хунро дида, ба ҳайрат афтод. Вай дарҳол фукашро поён карда, заминро бӯй кашид. Бӯйи одамизод расид. Аз ин бӯй ба дили хирс ваҳм афтод. Аз бачаҳояш хавотир шуд. Худро ба даруни хона зад. Баробари дидани хирсбачаҳо ҳанғу манғаш канд.

– Ваҳ, рӯзам сиёҳ! – гуфт хирс ба афту андоми хирсбачаҳо нигоҳ карда ва ҳамоно сатили асалу сабади чормағзро ба замин ҳаво дода бачаҳояшро ба оғӯш кашид.

Хирсбачаҳо – беҳушу бемадор. Аз фарқи сари яке хун мешорид. Дигаре аз зӯрии дарди чашм менолид.

Аҳволи хирсбачаҳоро дида фиғони хирсоча ба осмони ҳафтум дакка мезад. Дилаш месӯхт, ғазабаш зиёд мешуд. Вай худашро ба зӯр ба



даст гирифт. Аввал ба захми хирсбачаҳо марҳам баст. Як ҳафта табибӣ кард. Онҳоро нигоҳубин намуда, аз нав ба пой хезонд. Баъд ба қасди қасос афтод. Бо ин хаёл чанд шабу чанд рӯз роҳи душманро поид. Як субҳ ногоҳ чашмаш ба марде афтод, ки гӯсолаашро калтаккорӣ карда буд. Ӯ бо саги калтадумаш сӯи хонаи хирс меомад. Хирс аз паси харсанги азиме гапҳои ӯро шунид, ки ба сагаш мегуфт:

– Пас аз ин қадар лату кӯби мо хирсбачаҳо оё зиндаанд ё мурда?

Хирс баробари шунидани ин суханҳои мард чунон наъра кашид, ки сагу соҳибаш ба қафо гурехтанд.

Ба хирс маълум гашт, ки мард бо саги калтадумаш ба сари хирсбачаҳо омада онҳоро лату кӯб кардааст.



– Ёфтам душманамро, акнун ҷазои вайро чунон диҳам, ки чашмаш мисли мош кушода шавад, – гуфт бо қаҳру ҷаҳл хирсоча. Вай ба хона омада ба хирсбачаҳо гуфт, ки душмани онҳоро дидааст ва аз онҳо қасос мегирад.

– Оча! Ба тори сараш зан, ки аз сари ӯ ҳам хун ҷорӣ шавад, – гуфт як хирсбача.

– Фарзандони азиз, ҳамин ки торикӣ фаро расид, ба деҳа меравам. Бо ҳарду поям полизи нав кишткардаи ҳамон мардаки нобакорро хуб поймол мекунам, бо ҳамин меҳнаташро барбод медиҳам, – гуфт хирсоча.

Шаб ҳам омад, торикӣ ҳама ҷоро фаро гирифт. Вақте ки мардум ба хоб рафтанд, хирс ба деҳа фаромад. Ба сари полиз расид. Хирсоча бо



тамоми қувваташ бо пойҳои пешу қафояш полизҳоро валангор кардаанӣ шуд. Харбузаву тарбуз, пиёзу лӯбиё, картошкаву помидор нав ба гул даромада буданд. Ҳамаи онҳоро бех-бех канда партофтан мехост. Дар шаби торик гулҳо ба назараш рангинтар намуданд. Гул кардани ниҳолҳои сарсабзро дида, хирсоча аз роҳи бад гашт. Ба дили ӯ раҳм омад, аз нияташ гашта, ба қафо, ба хона омад. Танҳо қасам хӯрд, ки дубора ба ин деҳа асал намеорад.

Бо як амали ночои он мард, мардуми деҳа аз асал бенасиб монданд.



КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР

ББК 84 тоҷик 7-4
С–88

КДБЧ ба номи
М. Миршакар

# ХИРСИ МАЛЛА

Муҳаррир М. Мунавваров
Муҳаррири техникӣ Р. Абдуллоева
Рассом С. Имодинова
Тарроҳ Р. Галимов
Ҳуруфчин С. Зайниддинов

Ба чопаш 13.01.15 имзо шуд. Андозаи 50x70 1/32.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Чопи офсетӣ. Коғази бурандуд.
Супориши № 29/2015. Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кучаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

МАОРИФ

ISBN 978-99947-1-277-9

© «МАОРИФ», 2015